Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак,
шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 7)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ профессори кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи (Славянин) Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Амонова Дилбар Субҳоновна ба диссертатсияи Раҳимов Саидалӣ Холович дар мавзуи “Назария ва методологияи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит**

## Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм.

Диссертатсияи ба ҳимоя пешниҳод карда шуда ба талаботи бандҳон зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит ҷавобгӯ мебошад: 1.1. «Парадигмаҳои ибтидоӣ, консепсияҳои бунёдӣ, принсипҳои асосӣ, постулатҳо ва қоидаҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ»; 1.3. «Асосҳои методологӣ ва вазифагузориҳои мақсадноки баҳисобгирии бухгалтерӣ»; 1.7. «Баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андоз ва ғайра) дар ташкилотҳои дорои шаклҳои гуногуни ташкилӣ-ҳуқуқӣ, доира ва соҳаи гуногун»; 1.10. «Назария ва методологияи буҷасозӣ»; 1.13. «Ташкили баҳисобгирии бухгалтерӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ, корпоративӣ ва ғайра) аз рӯйи сегментҳо, бизнес-ҷараёнҳо ва сохторҳои таркибӣ»; 1.16. «Проблемаҳои баҳисобгирии хароҷот ва ҳисоб намудани арзиши аслии маҳсулот (кор, хизмат)»; 3.2. «Асосҳои назариявӣ ва методологӣ, вазифагузориҳои мақсадноки аудит ва назорат»; 3.9. «Инкишофи методологияи комплексии усулҳои аудит ва назорат».

## Мубрамияти мавзуи диссертатсия.

Дар замони муосир сайёҳӣ яке аз соҳаҳои босуръат рушдёбандаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Сайёҳӣ яке аз ҷузъиёти муҳими кишварҳои тараққӣ кардаи ҷаҳон буда ба воридоти асъори хориҷӣ, фаъолияти меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо, муассисаҳои хӯроки умум ва дигар корхонаҳои бо сайёҳӣ алоқаманд, инчунин таъмин намудани аҳолии маҳаллӣ бо ҷойҳои нави корӣ ва паст кардани сатҳи бекорӣ таъсири мусбӣ мерасонад. Солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди соҳаи сайёҳӣ диққати махсус дода мешавад ва он ҳамчун соҳаи афзалиятнок эътироф гардида аз тарафи Ҳукумати ҷумҳурӣ ва ташкилотҳои дахлдор барои рушди соҳаи сайёҳӣ дар

баробари қабули қонун, барномаҳо ва консепсияҳо оид ба рушди соҳаи сайёҳӣ Стратегияи рушди он барои давраи то соли 2030 қабул гардидааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар шароити ҷой доштани низоми иқтисоди бозорӣ, нақши баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат, ҳамчун сарчашмаи эътимодноки гирифтани маълумоти саҳеҳ ва объективӣ оид ба фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхонаҳо хеле баланд мегардад ва гуногунҷабҳагии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ, зиёд шудани шумораи онҳо дар мамлакат аз он гувоҳӣ медиҳад, ки барои рушди минбаъдаи онҳо, ҳалли мушкилоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат таҳқиқотҳои илмӣ гузаронда шуда, роҳи ҳалли монеаҳои мавҷуда ҷустуҷӯ карда шаванд. Ҳолати мазкур мукамалгардонии заминаҳои назариявию методологӣ ва воситаҳои методии ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назоратро дар корхонаҳои сайёҳӣ бо назардошти хусусиятҳои соҳавӣ тақозо мекунад.

Гуфтаҳои дар боло зикр гардида мубрамияти масъалаҳои баррасишавандаро зиёд намуда интихоби мавзуи кори диссертатсионии Раҳимов С. Х. ва муҳимияти коркарди асосҳои методологии баҳисобгирии муҳосибӣ ва назоратро дар корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ, инчунин тавсияҳои амалии мукаммалгардонии онро тасдиқ менамоянд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.**

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо миқдори кофии маълумотҳои таҳлилӣ, ҷамъоварӣ ва коркарди онҳо бо истифодабарии усулҳои муосир, мутобиқати натиҷаҳои назариявӣ ва таҳқиқотӣ дар асоси маълумоти расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои таҳлилӣ ва ҳисоботии созмонҳои байналмилалии сайёҳӣ, ки дар нашрияҳои илмии даврӣ нашр шудаанд, инчунин сарчашмаҳои интернетӣ ва ғайра тасдиқ карда шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз омӯзиши рушди асосҳои назариявӣ-методологӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба такмили баҳисобгирии муҳосибӣ ва низоми назорати дохилии корхонаҳои сайёҳӣ иборат мебошад. Натиҷаҳои мушаххаси илмие, ки дар раванди таҳқиқот ба даст оварда шудаанд ва дорои навгонии илмӣ мебошанд, чунинанд:

1.Ташаккули асосҳои назариявӣ ва иқтисодии категорияи туризм таҳқиқ карда шуда, мавқеи он дар рушди иқтисодиёт муайян карда шудааст. Нақши сайёҳӣ дар мамлакатҳои соҳаи сайёҳиашон рушдёфта таҳлил ва баҳодиҳӣ карда шуда, истифодабарии таҷрибаи пешқадами онҳо барои рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва пешниҳод карда шудаанд. Ошкор карда шудааст, ки соҳаи сайёҳӣ ба рушди дигар соҳаҳои иқтисодиёти

миллӣ, аз ҷумла: меҳмонхонадорӣ, соҳибкории инфиродӣ, савдо, варзиш, сохтмон, нақлиёт, кишоварзӣ, алока, муассисаҳои хӯроки умумӣ, хизматрасонии бонкӣ, фарҳанг, иттилоот, сугурта, андоз, инчунин паст кардани сатҳи бекорӣ ва камбизоатӣ мусоидат менамояд.

2. Дар натиҷаи таҳлили танзими соҳаи сайёҳии мамолики гуногуни ҷаҳон моделҳои амалкунандаи батанзимдарории меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи сайёҳӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, истифодабарии модели якум, ки дар он иштироки бевоситаи давлат дар танзими фаъолияти сайёҳӣ, ки барои мамлакати мо соҳаи афзалиятнок маҳсуб меёбад, ба мақсад мувофиқ ҳисобида шудааст. Исбот карда шудааст, ки танзими соҳаи сайёҳӣ аз ҷониби давлат бо пешниҳоди имтиёзҳои гуногун амалӣ карда мешавад, ки барои рушди соҳа мусоидат намуда, корхонаҳои сайёҳӣ маҳсулоти гуногуни сайёҳиро пешниҳод намоянд ва барои амалӣ намудани сиёсати иҷтимоии мутобиқ мусоидат менамоянд.

3. Мукаррар карда шудааст, ки вобаста ба хусусиятҳои хоси соҳавии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ бояд тавре ба роҳ монда шавад, ки натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории дар ҳисоботи молиявӣ пешниҳодшаванда қодир бошад талаботи иттилоотии истифодабарандагони дохилӣ ва беруниро пурра қонеъ карда тавонанд. Имрӯзҳо, корхонаҳои сайёҳӣ натиҷаҳои молиявии худро дар асоси қонунгузории андоз, Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ пешбинӣ менамоянд. Вобаста ба хусусиятҳои хоси соҳа ва таҳлили санадҳои меъёрии танзимкунанадаи баҳисобгирии муҳосибӣ таҳияи низомномаи соҳавӣ оид ба арзишмуайянкунии маҳсулоти сайёҳӣ ва дигар намудҳои хизматрасонии сайёҳӣ мувофиқи мақсад дониста шудааст, ки барои баҳисобгирӣ ва назорати фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ, аз ҷумла ба рушди соҳаи сайёҳӣ мусоидат менамояд.

4. Бо назардошти хусусиятҳои соҳавии корхонаҳои сайёҳӣ муаммоҳои методологии ташкили баҳисобгирӣ ва назорати дохилӣ ошкор карда шудааст ва ба ду гурӯҳ: муаммоҳои ташкилӣ ва хос тақсим карда шудааст. Вобаста ба ин, дар диссертатсия барои ҳалли муаммоҳои методологии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ як қатор тавсияҳои амалӣ коркард ва пешниҳод карда шудааст. Бо ин мақсад, дар диссертатсия барои ҳалли масъалаҳои методологии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ якчанд тавсияҳои амалӣ коркард ва пешниҳод карда шудаанд. Барои муайян намудани арзиши аслии маҳсулоти сайёҳӣ таснифоти хароҷоти истеҳсолӣ асоснок карда шуда, бо дарназардошти хусусиятҳои соҳавӣ аз рӯйи якчанд аломат гурӯҳбандӣ карда шудаанд.

5. Дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои ташкилӣ-методии сиёсати баҳисобгирӣ тасдиқ карда шудааст, ки дар замони муосир сиёсати баҳисобгирӣ яке аз унсурҳои калидии сиёсати идоракунии корхона маҳсуб меёбад. Корхона бояд мустақилона, вобаста аз самти фаъолият ва ҳадафҳои дар пешаш гузошташуда, сиёсати баҳисобгирии худро таҳия ва тасдиқ намояд. Мувофиқи талаботҳои СБҲМ ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунанади баҳисобгирии муҳосибӣ, инчунин хусусияти фаъолияти корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ, сиёсати баҳисобгирии мувофиқи баҳисобгирии молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ ва экологӣ коркард карда шудстааст. Моделҳои мувофиқи сиёсати баҳисобгирии дар диссертатсия пешниҳоднамудаи муаллиф чунон сатҳи ташкилии сохтори хадамоти муҳосибот ва сарчашмаи иттилоотиро пешбинӣ менамоянд, ки барои оқилона ба роҳ мондан ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ мусоидат менамояд.

6. Вазъи муосири ташкили баҳисобгирии муҳосибии даромадҳо, хароҷот ва назорат, вобаста хусусиятҳои хос ва самти фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ, яъне фаъолияти тиҷоратӣ ва миёнаравии ширкатҳои сайёҳӣ ва агентиҳои сайёҳӣ, ки ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ машгуланд ва гуногунии баҳисобгирии муҳосибии онҳо таҳлил карда шуда, роҳҳои такмили низоми мавҷудаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ пешниҳод карда шудааст. Ҷанбаҳои ташкилӣ-методии баҳисобгирӣ, фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ, вобаста ба ҳуқуқи амалӣ намудани фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ ва хизматрасониҳои сайёҳӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, тартиби баҳисобгирии даромад ва хароҷот за муайян кардани натиҷаҳои молиявӣ, вобаста ба фаъолияти истеҳсолӣ, хизматрасонӣ ва миёнаравии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ коркард ва пешниҳод карда шудааст.

7. Муайян карда шудааст, ки низоми назорати дохилӣ – маҷмӯи чорабиниҳои аз ҷониби роҳбарияти корхона бароҳмондашудаи методӣ ва воситаҳо барои бонизом омода намудани ҳуҷҷатҳои аввалия, пешбурди самараноки фаъолияти молиявӣ, таъмини амнияти дороиҳо, ошкорсозӣ, ислоҳ ва бартараф кардани хатоҳо ва таҳрифоти маълумот, инчунин сари вақт тайёр намудани ҳисоботи саҳеҳи молиявӣ мебошад. Объектҳои назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ бо низоми баҳисобгирии муҳосибии корхона алоқаи зич доранд, мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифта, вобаста ба хусусиятҳои хоси соҳа ва субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ модели ташкили низоми назорати дохилии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ таҳия ва пешниҳод шудааст. Методикаи амалкунандаи назорати дохилии натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ бо дарназардошти хусусиятҳои соҳавӣ таҳлил карда шуда, вазифаҳо, марҳилаҳои асосӣ, давраҳои назоратӣ муайян, инчунин

методикаи назорати дохилии даромадҳо, харочот ва натичаҳои фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ коркард шудааст.

8. Дар асоси омӯзиши таҷрибаи амалии пешбурди баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои сайёҳӣ, муайян карда шудааст, ки махсулоти сайёҳӣ объекти асосии баҳисобгирии муҳосибӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, таснифоти даромадҳо ва харочот аз рӯи намуди фаъолияти мушаххаси корхонаҳои сайёҳӣ, ташаккулёбии арзиши аслии махсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ бо усули меъёрӣ ва фармоишӣ асоснок карда шудааст, ки барои муайян намудани майлкуниҳо, тагйирёбиҳо ва ояндабинии фаъолияти корхонаи сайёҳӣ муҳим аст. Роҳҳои такмили низоми мавҷудаи баҳисобгирии муҳосибӣ, баҳисобгирии даромадҳо ва харочот, тибқи талаботҳои СБҲМ, ҳисобҳои иловагӣ дар асоси нақшаи ҳисобҳои амалкунанда, методикаи тайёркунии ҳисобот оид ба натичаҳои молиявӣ, вобаста ба фаъолияти корхонахои сайёҳӣ ва мутобиқнамоии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ ба шароити СБҲМ дар сайёҳӣ пешниҳод карда шудааст;

9. Дар шароити муосири рушди иктисодиёти миллӣ, низоми идоракунии корхонаҳои сайёҳӣ ба ҷорӣ намудан ва истифодабарии низоми самараноки назорати дохилӣ ҳавасманд мебошад. Номукаммал будани назорати дохилӣ, ки дар нодуруст муайян кардани объектҳои он ифода меёбад, яке аз омилҳои калидӣ мебошад ва ба муфлисшавии корхонаҳои сайёҳӣ оварда мерасонад. Вобаста ба хусусиятҳои объектҳои назорати дохилӣ барои зарурати корхонаҳои сайёҳӣ, таҳқиқотҳои муосири назариявии олимон онро пурра инъикос карда наметавонад. Ин имконияти таъминоти ташкили самаранокӣ ва амалишавии низоми назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳиро бештар мушкил менамояд. Тасдиқ карда шудааст, ки вобаста ба хусусиятҳои хоси корхонаҳои сайёҳӣ, низоми назорат мутобиқи сохтори ташкилии субъектҳои соҳаи сайёҳӣ ба роҳ монда шавад, дар марказҳои масъулият бошад низоми бисёрсатҳаи назоратӣ ташкил карда шавад, ки ҷавобгарии фардии роҳбарони зерсохторҳои таркибӣ ва кормандонро пешбинӣ менамояд;

10. Вобаста ба хусусиятҳои соҳавӣ ва гуногунҷабҳагии самти фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ модели баҳисобгирии харочот ва даромадҳо дар корхонаҳои сайёҳӣ коркард шуда, методикаи алоқамандии ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ барои инъикоси харочот ва даромадҳо пешниҳод карда шудааст, ки барои муайн намудани фоидаи амалиётӣ мусоидат менамояд.

Сохтори кори диссертатсионӣ аз муқаддима, чор боб, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат мебошад. Ҳаҷми умумии кор 367 саҳифаи матни компютерӣ, 32 расм, 26 ҷадвал ва 334 номгӯйи рӯйхати адабиёти истифода бурдаро дар бар мегирад.

**Муқаддима** мубрамӣ ва дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо)-и илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект, мавзӯъ, фарзия, асосҳои назариявию методологӣ, сарчашмаи маълумот, пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии тахқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаб, тавсиб ва амалисозии натиҷаҳо, интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми онро дар бар мегирад.

**Дар боби аввал «Ҷанбаҳои назариявии рушди баҳисобгирӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ»** асосҳои назариявии фаъолияти сайёҳӣ, заминаҳои ҳуқуқӣ-меъёрии ташкили баҳисобгирӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ, хусусиятҳои ташкилию технологии корхонаҳои сайёҳӣ ва таъсири он ба ташкили баҳисобгирӣ ва назорат мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд (с. 19-85).

Аз ҷумла, дар заминаи омӯзиши ақидаҳои гуногун муаллиф қайд кардааст, ки сайёҳӣ як падидаи бисёрҷанба ва мураккаб буда, нуфузи он дар ҷаҳон торафт баланд магардад ва одамон ба дигар кишварҳо сафар намуда, донишу малака, таассуроти нав мегиранд ва инчунин оид ба фарҳангу урфу одати аҳолии дигар кишварҳо шинос мегарданд. Ба ақидаи муаллиф, пайдоиши сайёҳӣ ҳамчун мол ташаккули заминаи мутобиқи моддӣ-техникӣ, мавҷудияти кадрҳои баландихтисос барои хизматрасонӣ ба сайёҳон ва идоракунии мақсадноки субъектҳои соҳибкории сайёҳиро талаб мекунад, ки ин зарурияти муташаккилона ба соҳаи мустақили хоҷагидорӣ ҷудо кардани сайёҳиро ба миён овард. Яке аз натиҷаҳои назарраси таҳқиқоти гузаронида шуда дар он ифода меёбад, ки муаллиф ҳамбастагӣ ва алоқаи мутақобилаи соҳаҳои сайёҳӣ, иқтисодиёт ва иҷтимоиётро асоснок намуда, ташаккули сайёҳиро вобаста аз хусусиятҳои ҷойгиршавии минтақавӣ ва мероси таърихию миллии мамлакати ташрифоваранда дида мебарояд ва ба фикри ӯ рушди соҳаи сайёҳӣ робитаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, тиҷоратӣ, соҳибкорӣ, фарҳангӣ ва мадании байни кишварҳоро мустаҳкам гардонида, ба даромади асъори хориҷӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва афзоиши буҷети давлатӣ мусоидат менамояд (с. 19-40).

Дар боби мазкур муаллиф баробари таҳия ва таҳлили санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунанда, гузаштан ба стандартҳои байналмилалии хизматрасонӣ дар пешбурди корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ, мукаммал гардонии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилиро тақозо мекунад. Аз ҷумла, дар доираи таҳқиқи мазкур ба ширкатҳо ва агентиҳои сайёҳие, ки корхонаҳои тавлидкунанда, муаррификунанда ва фурӯшандаи маҳсулот ва хизматрасониҳои асосии сайёҳӣ мебошанд, диққати асосӣ дода шуда

шаклҳои фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, ки ба арзиши маҳсулоти сайёҳӣ таъсир мерасонад (саҳ. 53-69).

Дар ҳамин қисми кори диссертатсионӣ муаллиф таҳқиқоти олимони хориҷиро вобаста ба хусусиятҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, ташкили баҳисобгирии молиявӣ ва идоракунӣ, назорат, таҳлил, андозбандӣ, тартиби ташаккули таҳияи ҳисоботи молиявиро омӯхта ба хулосае омадааст, ки дар Тоҷикистон таҳқиқотҳои назаррас оид ба омӯзиши фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ, хусусан муаммоҳои ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ (вобаста ба гузариши корхонаву ташкилотҳои ватанӣ ба талаботи мавҷуда) нокифоя буда, масъалаи номбаршуда омӯзиш, таҳқиқи чукур, коркард ва ҷамъбасткуниро талаб менамоянд (с. 72-85).

**Боби дуюм «Масъалаҳои методологии баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ»** номгузорӣ гардида, ба дида баромадани муаммоҳои методологии баҳисобгирй ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ, таснифоти хароҷот вобаста ба истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ ва ташаккули сиёсати баҳисобгирӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ бахшида шудааст (с. 86-150).

Дар ин самт саҳми таҳлилҳои муаллиф арзишманд буда, қайд намудан бамаврид аст, ки ӯ доир ба масъалаҳои таҳлилшаванда фаъолияти корхонаҳои сайёҳиро вобаста ба ҳамасола зиёд шудани шумораи онҳо, ба низом дароварда шудан, тартиби пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилиро мукаммал ва ба талаботҳои мавҷуда мутобиқ карданро ба миён овардааст, ки аз мутахассисону муҳосибони ин соҳа донишу малакаи баланди касбиро талаб менамояд. Аз ҷумла дар натиҷаи таҳлили ин муаммоҳо муаллиф ба хулоса омадааст, ки таҳияи дастурамали соҳавй барои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ муҳим мебошад. Арзишмандии дигари натиҷаҳои ба даст овардаи ӯ дар он ифода мегарданд, ки вазифаҳои хадамоти баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ, ҷараёни ташкили баҳисобгирии муҳосибиро дар субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ мушаххас карда, муаллиф таъкид менамояд, ки маҳз назорати ин вазифаҳо ба фаъолияти минбаъдаи самараноки корхона таъсири мусбат расонида метавонад. Дар ҳамин ҷо муаллиф доир ба мафҳумҳои "хароҷот", "масраф", "сарф" ақидаҳои олимони ватанӣ ва хориҷиро мавриди таҳлил қарор дода, мафҳуми маъмулии дар қонунгузории ҷорӣ тасдиқшудаи "хароҷот"-ро барои таҳқиқот истифода бурдааст. Вале ба андешаи ӯ дар низоми баҳисобгирии молиявӣ ва идоракунӣ мазмуни мафҳумҳои мавҷуда аз ҳамдигар фарқ мекунанд ва онҳоро ҳамчун ҳаммаъно истифода бурдан мумкин нест, чунки фарқияти иқтисодии ин тафсирҳо ба фаҳмиши табдилдиҳии хароҷот ва масрафоти бо далели фурӯш ба амал омада асос

меёбад, ки таснифоти дуруст ва аз ҷиҳати методологӣ илман асоснок шуда метавонад барои буҷетикунонӣ, банакшагирӣ ва баҳисобгирии хароҷот таъсири амиқ расонад. Дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои илмӣ ва адабиёти соҳавӣ муаллиф нишонаҳои таснифотии хароҷот ва ҷузъиёти онҳоро ба низом дароварда таснифоти хароҷоти корхонаҳои сайёҳиро мутобики ҳуҷҷатҳои соҳавӣ ва намуди фаъолият дар расми 2.2.1 (с.119) пешниҳод кардааст ва қайд менамояд, ки маҳз сиёсати баҳисобгирӣ дар методикаи ташаккули ҳисоботи молиявӣ инъикос гардида ба истифодабарандагон маълумоти эътимоднок ва дакиқ оид ба нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти корхона пешкаш карда мешавад (саҳ. 91-150).

**Дар боби сеюм «Баҳодиҳии ҳолати муосири ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ»** вазъи муосири ташкили баҳисобгирӣ ва назорат, ҷанбаҳои ташкилӣ-методии баҳисобгирии фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ ва муайян кардани натиҷаҳои молиявӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ, мукаммалгардонии методикаи баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷой доштани Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) ва ташкили назорати дохилии фаъолият дар корхонаҳои сайёҳӣ мавриди таҳлил қарор дода шудаанд (с. 151-239).

Дар ин боб муаллиф марҳилаҳои амалишавии қарорҳои қабул карда шударо ҳаматарафа таҳлил намуда, муаммоҳои амалӣ нашудани онҳоро баррасӣ намудааст. Масалан, ба ақидаи муаллиф, масъалаҳои рӯзмарраи ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ, пеш аз ҳама тайёр намудани мутахассисони баландихтисос ва бозомӯзии кадрҳои дар амалия фаъолияткунанда мебошанд, ки моҳияти СБҲМ-ро дарк намоянд. Ӯ қайд менамояд, ки объекти мушаххаси баҳисобгирии муҳосибӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ маҳсулоти сайёҳӣ мебошад ва дар асоси омӯзиш ва таҳлили ақидаи олимон ва сарчашмаҳои соҳавӣ оид ба ташаккули маҳсулоти сайёҳӣ таъкид менамояд, ки дар ин самт яке аз масъалаҳои калидӣ баҳисобгирии хароҷот ва арзишмуайянкунии маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ мебошад. Пешниҳоди дигари муаллиф ба фаъолияти самараноки корхонаҳои сайёҳӣ ва таҳияи сиёсати баҳисобгирии молиявӣ, идоракунӣ, экологӣ ва андозӣ бахшида шудааст, ки таъминоти ташкилӣ-методии баҳисобгирии хароҷот ва натиҷаҳои молиявиро ташкил медиҳад ва диққати махсус ба сиёсати баҳисобгирии экологӣ, ки дар фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд, дода шудааст (с.151-194).

Дар асоси таҳқиқи асосҳои илмию амалии баҳисобгирии муҳосибӣ муаллиф қайд намудааст, ки гузариши корхонаҳои ватанӣ ба СБҲМ ба таъминоти сифатии муҳимми ҳисоботи молиявӣ (возеҳӣ, муқоисавӣ, дакиқӣ ва эътимоднокӣ) имконият фароҳам оварда дар амалияи корхонаҳои сайёҳӣ

баҳисобгирии идоракунӣ омили муҳимтарини ба вуҷуд овардани маҳсулоти сайёҳӣ мебошад. Ба ақидаи муаллиф назорати дохилӣ ҳамчун ҷузъи таркибии низоми идоракунӣ ба ҳисоб рафта, бояд мунтазам фаъолият намояд, зеро он ба фаъолияти объектҳои таҳтиназоратӣ таъсир расонида, ба қабули қарорҳои идоракунии самарабахш ва беҳтар намудани фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхона мусоидат менамояд. Дар асосиин гуфтаҳо муаллиф модели ташкилии назорати дохилии фаъолияти корхонаҳои сайёҳиро пешниҳод намудааст, ки имконияти саҳеҳтар намудани таркиби низоми назоратро бо мақсади баланд бардоштани тартиби гузаронидани он дар ташаккули иттилооти лозимӣ бо мақсади қабули қарорҳои идоракунии дахлдор васеъ менамояд (с. 194-239).

**Боби чорум «Рушди методикаи баҳисобгирӣ ва назорат дар корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ»** номгузори шуда, мукаммалгардонии методикаи баҳисобгирии даромадҳо ва хароҷот, рушди методикаи назорати дохилии натиҷаҳои фаъолият ва модели баҳисобгирии хароҷот ва даромадҳо дар корхонаҳои сайёҳӣ ҳамчун натиҷаи илман асоснокгардида ва дастоварди илмии таҳқиқоти гузаронида шуда пешниҳод карда шудааст (с. 240-302).

Ба ақидаи муаллиф, барои рушди соҳаи сайёҳй, пешбурд ва амилинамоии фаъолияти сайёҳӣ такмил додани методикаи баҳисобгирии муҳосибӣ бо ҳамоҳангсозии баҳисобгирии молиявй, идоракунӣ, андозӣ, экологӣ ва оморӣ дар доираи СБҲМ, таҳлил ва назорат талаби замон буда, иттилооти дар доираи он ташаккулёфта барои баҳодиҳии фаъолият, эътимоднокии нишондиҳандахо, коркард ва қабули қарорҳои саривақтии идоракунӣ аз ҷониби менеҷерони корхонаҳои сайёҳӣ бояд истифода бурда шаванд. Барои баҳисобгирии онҳо муаллиф ҳисобҳои иловагии таҳлилиро пешниҳод намудааст, ки имконияти оид ба бузургии даромадҳои ҳар як сегмент маълумоти зарурӣ гирифтанро медиҳанд (с. 241-257).

Методикаи аз тарафи муаллиф пешниҳодшудаи назоратӣ имкон медиҳад, ки даромаднокии ҷараёнҳои амалишаванда ва натиҷагирии ҳар як зерсохтори таркибӣ муайян карда шавад. Ба ақидаи муаллиф, амалӣ намудани низоми назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ имконият фароҳам меорад, ки маълумоти зарурӣ оид ба даромадҳо ва хароҷот, иттилооти воқеӣ оид ба фаъолияти молиявию хоҷагидории корхона дар заминаи низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дастрас карда шавад (с. 258-279).

Дар натиҷаи омӯзиши моделҳои таснифотии соҳавӣ муаллиф моделсозиро дар пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ яке аз воситаҳои самарабахши методологии баҳисобгирии муҳосибӣ шуморида, дар асоси омӯзиши таҳқиқоти олимони хориҷӣ ва ватанӣ доир ба моделсозии соҳаҳои гуногун қайд намудааст, ки моделсозӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ таҳияи

методологияи ташкил, пешбурд, ба тартиби муайян даровардан ва коркарди маълумот оид ба объектҳои баҳисобгирӣ мебошад. Ба ақидаи ӯ хусусиятҳои таснифотии бунёдӣ ва мундариҷавии моделҳои баҳисобгирии хароҷотро объектҳо ва намудҳои хизматрасонӣ ташкил медиҳанд ва вобаста ба ин модели таснифотии ташкили баҳисобгирии хароҷот ва даромадҳоро дар корхонаҳои сайёҳӣ пешниҳод кардааст (с. 280-302).

Дар ниҳояти кори диссертатсионӣ **хулоса ва тавсияҳо** (с. 303-315), ки дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст оварда шудаанд ва аҳамияти назариявӣ-амалӣ доранд, инчунин **рӯйхати адабиёт** (с. 316-360) оварда шудаанд.

## Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда

Ақидаҳои асосии назариявӣ-методии муаллиф, асосноккунии ҷанбаҳои назариявӣ-методологии рушди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ, таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба мукамалгардонии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилии корхонаҳои сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳмгузор мебошанд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия бо назардошти таҳлилу арзёбиҳои гузаронидашуда, кофӣ будани ҳаҷми кори диссертатсионӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва таълифоти муаллиф эътимоднокии натиҷаҳои таҳкикот тасдиқ мегардад. Дар амалия хулоса ва тавсияҳо барои татбиқи натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ва дар асоси таҳлили илмӣ ҷанбаҳои назариявию таҷрибавӣ баровардa шудааст, ки аз эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дарак медиҳад. Дар хулоса натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ инъикос ёфта, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо дар асоси таҳлили натиҷаҳои илмӣ-амалии таҳқиқот оварда шудаанд.

Натиҷаҳои муҳими таҳқиқот дар фаъолияти амалии ширкатҳои сайёҳии ҶДММ «Корвон Саёҳат» (санади №40 аз 16.10.2023), ҶДММ «Расул тур» (маълумотномаи №7/3 аз 21.10.2023), ҶДММ «Ориент Адвентур» (санади №53 аз 14.10.2023) истифода бурда шудаанд. Инчунин, онҳо дар ҷараёни таълимии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон зимни таълими фанҳои «Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит», «Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит дар корхонаҳои саноати сайёҳӣ», «Баҳисобгирии идоракунӣ», «Баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ», «Назорати молиявӣ», «Омори сайёҳӣ», «Иқтисодиёти сайёҳӣ» ва «Менеҷменти сайёҳӣ» (маълумотномаи №01/665 аз 20.10.2023) ва дар ҷараёни таълимии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ҳачгоми тадриси фанҳои «Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит», «Баҳисобгирии молиявӣ», «Баҳисобгирии идоракунӣ», «Баҳисобгирии бухгалтерӣ дар соҳаҳо», «Баҳисобгирии бухгалтерӣ дар соҳаи

хизматрасонӣ», «Таҳлили иқтисодӣ» (маълумотномаи №543 аз 23.10.2023) истифода мешаванд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додаи тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

**Аҳамияти илмии** таҳқиқоти гузаронидашуда дар асосноккунии назариявӣ ва методологии такмили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ дар асоси талаботҳои СБҲМ зоҳир мешавад. Дар диссертатсия аз ҷиҳати назариявӣ мундариҷаи иқтисодии мафҳумҳои “маҳсулоти сайёҳӣ” ва “хизматрасониҳои сайёҳӣ” таҳқиқ шуда равишҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати хароҷот, арзишмуайянкунӣ, даромадҳо ва муайян намудани натиҷаҳои молиявии ташаккули маҳсулоти сайёҳӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ ва унсурҳои таркибии он аз ҷиҳати назариявию методологӣ шарҳ дода шудаанд. Ҳамчунин механизми такмили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар доираи ислоҳоти баҳисобгирии муҳосибӣ ва мутобиқ намудани низоми баҳисобгирӣ бо СБҲМ дар Тоҷикистон аз лиҳози мукаммалгардонии заминаҳои қонунгузорию меъёрӣ баррасӣ гардида, роҳҳои рушди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилии нисбатан мукаммал дар корхонаҳои сайёҳии ҷумҳурӣ муайян карда шудаанд.

**Аҳамияти амалии кори диссертатсионӣ** дар он зоҳир мегардад, ки пешниҳод ва тавсияҳои дар диссертатсия коркард шударо ба воситаи беҳтар намудани низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат, бо мақсади мутобиқ намудан ба талаботҳои СБҲМ, боз ҳам такмил додани низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳии мамлакат истифода бурдан мумкин аст. Пешниҳодҳои мушаххаси муаллифро ҳангоми таҳияи сиёсати баҳисобгирии муҳосибӣ, усулҳои муосири арзишмуайянкунӣ, баҳисобгирии даромадҳо, хароҷот, фурӯш ва муайян намудани натиҷаҳои фаъолият ва низоми самараноки назорати дохилии корхонаҳои сайёҳии Тоҷикистон дар самти мутобиқнамоӣ ба СБҲМ истифода бурдан мумкин аст.

**Аҳамияти иқтисодии натиҷаҳои диссертатсия** дар он аст, ки пешниҳодҳои муаллиф барои мутобиқ намудани низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити истифодабарии СБҲМ, рақамикунонии иқтисодиёт ва такомули он мусоидат менамоянд. Инчунин фаъолияти устувори корхонаҳои сайёҳӣ ба зиёд шудани корхонаҳои бо сайёҳӣ алоқаманд, даромади асъории буҷети давлатӣ, рушди соҳибкории инфиродӣ, зиёд гардидани ҷойҳои нави корӣ ва паст кардани сатҳи бекории аҳолӣ низ мусоидат намуда, татбиқи натиҷаҳои диссертатсия ба беҳтар гардидани ҳолати баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати корхонаҳои сайёҳӣ таъсири мусбӣ мерасонад, даромаднокии онҳоро афзоиш дода, рушди инфорасохтори сайёҳии мамлакатро таъмин намуда, ҷалби бештари сайёҳонро ба кишвар таъмин менамояд.

**Аҳамияти иҷтнмоии натиҷаҳои диссертатсия**. Муқарраротҳои кори диссертатсионӣ аҳамияти иҷтимоӣ дошта ба зиёдшавии ҷойҳои нави корӣ бо бештар гардидани корхонаҳои сайёҳӣ ва хизматрасонӣ, беҳтар намудани инфрасохторҳои сайёҳӣ, рушди соҳаи хизматрасонӣ, баланд шудани талабот ба маҳсулот ва хизматрасониҳои минтақаҳои алоҳида, гардиши мол ва хизматрасонии наклиётӣ таъсири мусбӣ мерасонад. Ҳамзамон ба аҳолии кишвар имконият медиҳанд, ки ба воситаи машғул шудан ба истеҳсоли ҳунарҳои мардумӣ ва пешниҳоди армугону дастовезҳои миллӣ ба сайёҳон сатҳи иҷтимоии зиндагии худро баланд бардоранд. Ҳамзамон, таъсиси корхонаҳои сайёҳӣ дар минтақаҳои гуногун ба ҷалби таваҷҷӯҳ ба мероси табиӣ, фарҳангӣ ва таърихии маҳаллӣ ва мушкилоти ҳифзи он, афзоиши талабот ба молҳои истеҳсоли маҳаллӣ имконияти бештар фароҳам оварда ба рушди иктисодиёти минтақаҳо дар соҳаи иҷтимоӣ мусоидат мекунад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои такризшавандаи илмӣ**

Таҳлили кори диссертатсионӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки мақолаҳои нашршудаи муаллиф таркиби асосии диссертатсияро фаро гирифта, аз 2 монография ва 63 мақолаи илмӣ дар умум 39,75 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 36,5 ҷузъи чопӣ аз муаллиф) иборат мебошад, ки 19-тои онҳо дар маҷаллаҳои такризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Инчунин, муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конфронсҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ баррасӣ гардидаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия**

Диссертатсияи такризшаванда мутобиқ ба муқаррароти бандҳои дахлдори «Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани унвонҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) омода гардида, ба талаботҳои он ҷавобгӯй мебошад.

Бояд қайд намуд, ки кори диссертатсионӣ сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои бадастовардаи Раҳимов Саидалӣ Холович арзиши илмӣ доранд ва метавонанд дар амалияи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва низоми назорати дохилии корхонаҳои сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ истифода бурда шаванд. Диссертатсия бо забони возеҳ ва фаҳмо бо истифода аз истилоҳоти қабулшуда навишта шудааст.

Автореферат ва мақолаҳои чопшудаи довталаб ба мазмуни кори диссертатсионӣ комилан мувофиқат мекунанд. Ҷанбаҳои муҳими мундариҷаи диссертатсия дар автореферат инъикос ёфтаанд, ки маводи асосии дифоъ мебошанд ва дар ин бобат талаботи мавҷуда дар умум риоя карда шудааст.

## Камбудиҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ

Дар қатори бартариятҳои дар боло зикр гардида кори диссертатсионии ба тақриз пешниҳод карда шуда дорои як қатор норасоиҳо низ мебошад.

1. Дар зербоби 1.1 ҷанбаҳои назариявии фаъолияти сайёҳӣ таҳил карда шудаанд, аммо дар бораи намудҳои фаъолияти сайёҳие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалиятнок эътироф шудаанд, камтар маълумот дода шудааст.

2. Дар зербоби 1.2 танзими меъёрӣ-ҳуқуқии баҳисобгирӣ ва назорат дар сайёҳӣ санадҳои соҳавӣ бештар мавриди таҳқиқ фаро гирифта шуда, ба танзими баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти сайёҳӣ диққати камтар дода шудааст.

3. Дар расми 1.3.1 (саҳ. 64) намуди хизматрасониҳо барои ташаккули маҳсулоти сайёҳӣ оварда шуда, ҳаҷми ин хизматрасониҳо дар маҷмӯи бастаи хизматрасониҳо нишон дода нашудааст.

4. Ба фикри мо, дар зербоби 2.1 оиди нақши ҳуҷҷатҳо дар низоми баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои сайёҳӣ ба ҳуҷҷатикунонии амалиётҳои ширкатҳо ва агентиҳои сайёҳӣ маълумот нокифоя аст. Беҳтар мебуд агар ин ҳуҷҷатҳо номбар карда шуда, мавқеи онҳо дар низоми баҳисобгирии корхонаҳои сайёҳӣ муайян карда мешуданд, кори диссертатсионӣ мазмунан пурратар мешуд.

5. Оиди сиёсати баҳисобгирии экологӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ (расми 3.2.2 ва ҷадвали 3.2.2) аз тарафи унвонҷӯ моделҳои сиёсати баҳисобгирӣ пешниҳод карда шудаанд, аммо агар пешниҳодҳои мушаххас низ барои дар амалия ҷорӣ намудани он дар корхонаҳои сайёҳии ватанӣ оварда мешуданд, ба манфиати кор мебуд.

6. Муаллиф дар кори диссертатсионӣ пешниҳодҳои ҷолиб оид ба ворид намудани ҳисобҳои иловагӣ дар асоси нақшаи амалкунандаро овардааст. Агар ин пешниҳодҳо ҳамчун ҷадвали алоҳида пешниҳод карда мешуданд, ба фикри мо, дар амал истифода бурдани онҳо беҳтар мебуд.

Бояд қайд намуд, ки камбудиҳои номбаршуда тавсиявӣ буда ба мазмуну муҳтавои кори диссертатсионии иҷрошуда таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва сатҳи назариявию амалии онро коҳиш намедиҳанд.

## Хулоса

Дар умум кори диссертатсионӣ дар сатҳи баланди илмӣ-амалӣ иҷро карда шуда, таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ-тахассусиро ифода менамояд.

Ҳамин тавр, қайд намудан бамаврид аст, ки кори диссертатсионии Раҳимов Саидалӣ Холович дар мавзуи “Назария ва методологияи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ” аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар сатҳи зарурӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи бандҳои 32, 33, 34, 35 “Тартиби додани

унвонҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

**Муқарризи расмӣ**
профессори
кафедраи “Менеҷмент ва маркетинг”-и
Донишгоҳи славянин Русияву Тоҷикистон
д.и.и., профессор Амонова Д.С.

Суроға: ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30
Телефон: 918-74-94-94 E-mail: dilbar_amonova@mail.ru

**Имзои Амонова Д.С.-ро тасдиқ мекунам:**

Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи
(Славянии) Россия ва Тоҷикистон Раҳимов А.А.

10.01.2025